# ХУЛОСАИ
# ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА–028-И НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

**дар бораи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ**

Парвандаи аттестатсионии №______

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 27 майи соли 2021

Барои сазовор донистани Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ

Диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи "Хусусиятҳои грамматикӣ ва маънoии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121) барои ҳимоя пазируфта шудааст (Қарори №36 аз 11. 02. 2021).

Диссертант Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич, соли таваллудаш 1968, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои ҲХДТ.

Аз сентябри соли 1998 то ҳол ба ҳайси дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ кор мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба анҷом расидааст.

**Мушовири илмӣ:** Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:**

**Офаридаев Назрӣ** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

**Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм** - доктори илмҳои филологӣ, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф** - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»

**Муассисаи пешбар:** Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

**Номгӯи муҳимтарин корҳое, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд, чунин аст: I. Монография:**

[1-М]. Ғаффоров, А. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ/ А. Ғаффоров.-Душанбе: Ирфон, 2013.-140 с.

[2-М]. Ғаффоров, А. Хусусиятҳои грамматикии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик [дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI]. / А. Ғаффоров.-Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020.-222 с.

**II. Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи шомили КОА-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

[3-М]. Ғаффоров, А. О. Тадқиқи "Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар забоншиносии тоҷик // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, №4 [47]. 2012. - С.129-131.

[4-М]. Ғаффоров, А. О. Ибора ва мавқеи он дар низоми синтаксис // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе, №4 [47]. 2012.-С.265-267.

[5-М]. Ғаффоров, А. О. Мавқеи пешоянди "ба" дар ташаккули ибораҳои феълӣ [дар асоси маводи "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ] // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, №5 [48]. 2012. - С.242-245.

[6-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номии таркибӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №2 [51]. 2013. -С. 276-280.

[7-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи мувофиқати грамматикӣ ва баъзе хусусиятҳои он дар насри асри XVI // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе: Сино, 2013, №4/6 [122]. -С. 100-103. (ҳаммуаллифӣ).

[8-М]. Ғаффоров, А. О. Ифодаи муносибати макон бо пешоянди "аз" дар насри асри XV1 // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.- Душанбе. №2 [234]. 2014.-С. 69-72. (ҳаммуаллифӣ).

[9-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълии муносибати масоҳавӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе.- №1 [56], 2014. -С. 328-332.

[10-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо ва ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо пешоянди "ба" дар насри асри XVI //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, №1 [56-2]. 2014.-С. 363-366. (ҳаммуаллифӣ).

[11-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълии муносибати пуркунандагӣ бо пешоянди "бар" дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, -№3 [58-1 ]. 2014. -С. 338-341.

[12-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо ва ифодаи муносибати ҳолӣ бо пешоянди "дар" дар насри асри XVI // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон -Душанбе, № 4/2 [133]. 2014. -С. 56-58.

[13-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе.-№4 [59]. 2014.-С. 255-262.

[14-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе: Сино, №4/1 [159]. 2015. - С. 97-102. (ҳаммуаллифӣ).

[15-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо ва тобишҳои маъноии феълҳо бо пасоянди "-ро" дар насри асри XVI // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, №1 [62-2]. 2015. - С. 317-319.

[16-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ ва ифодаи тобишҳои маъноӣ бо пешоянди "бо" дар насри асри XVI // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, №5 [66]. 2015.-С.110-112.

[17-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои "бо", "бе", "то" ва "барои" [аз барои] дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» -и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №6 [67]. 2015. - С. 122-124.

[18-М]. Ғаффоров, А. О. Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар насри асри XVI // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №3 [70]. 2017.- С. -80-83.

[19-М]. Ғаффоров, А. О. Тобишҳои маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ дар насри асри XVI // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №3 [70]. 2017. - С. 83-87. (ҳаммуаллифӣ).

[20-М]. Ғаффоров, А. О. Ифодаи муносибатҳои ҳолии макон бо пешояндҳои номӣ ва номии таркибӣ дар осори хаттии асри XV1 // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №1 [73]. 2018. - С. 74-77.

[21-М]. Ғаффоров А. О. Ибораҳои феълии муносибати ҳолӣ бо пешояндҳои аслӣ дар насри асрҳои XV-XV1 // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. - Душанбе, № 2 [79]. 2019. -С. 54-58.

[22-М]. Ғаффоров, А. О. Хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №4. [81]. 2019. -С. 11-15.

[23-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ дар забони насри асрҳои XV-XVI // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №1 [84]. 2020. - С.8-12. (ҳаммуаллифӣ).

### III. Мақолаҳо дар маҷалла ва маҷмӯаҳои илмии дигар

[24-М]. Ғаффоров, А. О. Муродиф шудани пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълии пешояндӣ // Маҷаллаи Адаб.1996.-№7. -С. 9-11.

[25-М]. Ғаффоров, А. О.- Ибораҳои феълӣ бо пешоянди «бар» дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Маводи конференсияи илмии олимони ҷавони Тоҷикистон. Ҷавонон ва ҷаҳони дониш. [Маҷмӯаи илмӣ].-Душанбе: Ҳумо, 2001. –С. 168-172.

[26-М]. Ғаффоров, А. О. Ифодаи муносибатҳои наҳвӣ бо пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ [дар асоси маводи "Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ] // Маводи конференсияи илмии олимони ҷавони Тоҷикистон. Ҷавонон ва ҷаҳони дониш. [Маҷмӯаи илмӣ].- Душанбе: Ҳумо, 2002. –С. 220-226.

[27-М]. Ғаффоров, А. О. Таҳқиқи масъалаҳои назарияи ибора дар забоншиносии тоҷик. // Маводи конференсияи илмии олимони ҷавони Тоҷикистон. Ҷавонон ва ҷаҳони андеша. [Маҷмӯаи илмӣ]. -Душанбе: Ҳумо, 2004. –С. 288-294.

[28-М]. Ғаффоров, А. О. Муродифоти пешояндҳои аслӣ // Маводи конференсияи илмии олимони ҷавони Тоҷикистон. Ҷавонон ва ҷаҳони андеша [Маҷмӯаи илмӣ]. -Душанбе: Ҳумо, 2005. –С. 359-364.

[29-М]. Ғаффоров, А. О. Иборaҳои феълӣ бо пешоянди "то" дар "Бадоеъ-ул-вақоеъ"-и Восифӣ // Маводи конференсияи илмии олимони ҷавони Тоҷикистон. Ҷавонон ва ҷаҳони андеша [Маҷмӯаи илмӣ]. -Душанбе: «Ҳумо», 2006. –С. 185-190.

Дар тақризи **муассисаи пешбар** – Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода зикр гардидааст, ки муаллиф дар муқаддима ва бобҳои ҷудогонаи диссертатсия тавонистааст, иттилооти арзишмандеро дар бораи "Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии иборaҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)" фароҳам оварад ва маҳз аз ҳамин ҷиҳат диссертатсияи **Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич** кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳое, ки унвонҷӯ дар маҷаллаҳои илмии таъйиднамудаи КОА чоп кардааст, мухтавои диссертатсияро инъикос намудаанд. Бинобар ин, диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич ҳамчун кори илмии анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. сазовор аст. Бо вуҷуди нишон додани муваффақиятҳо дар тақриз ҳамчунин ба баъзе нуқсонҳо ишора гардидааст:

- ғалатҳои имлоӣ дар саҳифаҳои 174, 177, 210, 226, 212, 224, 227, 229, 230,234, 235, 247, 252, 319, 321; ғалатҳои услубӣ: с. 25 (иқтибоси Сухотин В. П.), с.174, 322; ғалатҳои техникӣ: с. 213, 218, 220, 230, 245, калима ва аломатҳои китобатӣ такрор шудаанд (с. 234, 277), пешояндҳо бо тартиби муайян оварда шаванд (с. 173); бандаки изофӣ дар калимаҳо афтидааст (с. 240, 242), вакте (с. 253), Саймудднов, ҷаракат (с. 253), бо сабаби шрифти дигар ғалатҳои техникӣ омадаанд (с. 213, 218, 220). Дар қавси мураббаъ рақами адабиёт ҳасту рақами саҳифа нест (с. 319); аломатҳои китобатӣ: баъди (.) ҷумла бо ҳарфи хурд оғоз шудааст (с. 172), бемаврид гузоштани (,) (с. 173), пешвандҳо бе аломати (-) навишта шудаанд (с. 262, 269), таркиби феълии баланд намуданро бидуни аломати (.) навиштан лозим азт (с. 265), ба ҷои аломати (,) аломати (/) гузошта шудааст (с. 236), дар иқтибос аломати (,-) бемаврид оварда шудааст (с. 300), баъди сарлавҳа аломати (.) гузошта намешавад, вале муаллифи рисола дар аксарияти мавридҳо аломати (.)-ро мегузорад: (фаслҳои 3.1.3., 3.1.4, 3.1.16, 3.1.17, 3.1.18, 3.1.19,3.1.20; аз фасли 3.1.23 то фасли 3.1.35); дар дохили қавси мураббаъ як қатор рақамҳо омадаанд ва бо аломати (;) ҷудо шудаанд. Маълум нест, ки инҳо танҳо рақами адабиётанд ва ё саҳифаҳо ҳам дар назар дошта шудаанд (с. 223, 229, 269);

- дар дисертатсия калимаҳои русие, ки муродифи тоҷикии худро доранд, истифода шудаанд: конкрет-мушаххас (с.178); реалӣ-воқеӣ (с. 284);

- дар овардани пешоянду иборaҳо номувофиқатии мисолҳо ба назар мерасад: пешоянди **дар андаруни** дар қатори пешояндҳои таркибӣ қайд

шудаасту бо он мисоле мушоҳида нашуд (с.197), дар фасли 3.1.34. таркибҳои **бар захри**, **ба микоруни** оварда шудааст, аммо шарҳи онҳо дида нашуд; **рехтан** ба маънои сарозер шудани моеъ бар рӯйи замин оварда шудааст, аммо мисолҳо бо ин маъно наомадаанд: яке ба маънои **захр бар тӯтӣ рехтан** ва дигаре **дар ҳалқи фил рехтан**ро ифода намудааст;

- зимни ёдовар шудани иқтибоси Б. Камолиддинов қайд кардан зарур аст, ки "Б. Камолиддинов дар мавриди таҳлили забони ҳикояҳои Ҳ. Карим чунин андешаронӣ намудааст" (с. 226);

- тарҷумаи иқтибосии Расторгуева В. С. каме коста аст ва таҷдиди назарро талаб мекунад (с. 236).

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Пардаев Азамат Бахронович –** доктори илмҳои филологӣ, профессор, декани факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд; **Ҷумъа Ҳамроҳ -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқанд. Тақриз мусбат буда, дар он зикр шудааст, ки сарфи назар аз ҳама муваффақият ва дастовардҳо, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба назар расиданд, ки номбар намудани онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд:

- дар автореферати диссертатсия мисолҳои зиёд оварда шудааст, ки кам кардани онҳо ба фоидаи кор аст;

- баъзе гурӯҳҳои луғавию семантикии вожаҳои ҷузъҳои ибора равшан таъин нагардидаанд, дар натиҷа баъзе тобишу муносибатҳои синтаксисӣ хира ба чашм мерасанд;

-ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (с. 12, 26, 32 ва ғ.) ба назар мерасанд.

2. **А. Мамаҷонов, М. Ҳакимов** - докторҳои илмҳои филологӣ, профессорони Донишгоҳи давлатии Фарғона; **Э. Ибрагимова, М. Зокиров** номзадҳои илмҳои филологӣ, дотсентони Донишгоҳи давлатии Фарғона. Тақриз мусбат буда, дар он таъкид шудааст, ки баробари дастовардҳо баъзе камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси болоравии ҳусни таҳқиқот хоҳад гардид:

- номи иборашиносон такрор ба такрор омадаанд;
- мисолҳо зиёд оварда шудааст, аммо таҳлилҳо кам ба назар мерасанд;
- маъмулан ҳар як кори диссертатсионӣ иборат аз ғалатҳои техникӣ аст. Дар кори мавриди назар низ ғалатҳову иштибоҳоти техникӣ мавҷуд аст (с. 22, 26), ки дар оянда ислоҳ намудани онҳо ба ҳусни кор неруи дигар зам хоҳад кард.

3. **Сайфиддин Назарзода -** доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ, мудири шуъбаи истилоҳот ва фарҳангнигории ИЗА ба номи Рӯдакии АМИТ. Тақриз мусбат буда, дар он баъзе камбудиҳо таъкид гардидаанд:

- ба масъалаи ба ду воситаи дастурӣ алоқа бастани ибораҳо таваҷҷуҳи камтар зоҳир шудааст, ҳол он ки ба ду воситаи дастурӣ сохта шудани ибораҳо яке аз хусусиятҳои муҳимми осори хаттии ин давра маҳсуб меёбад;

- дар вақти таҳлили мавод бештар ба ҷузъи асосии ибора (феъл) таваҷҷуҳ шудааст, мебоист ба ҷузъи тобеи ибора низ аҳамияти бештар зоҳир мешуд;

- доир ба масъалаи алоқаи устувору ноустувори дастурии ибораҳои феълӣ муҳаққиқ камтар таваққуф кардааст, ҳол он ки дар ташаккули ибораҳои феълӣ алоқаи устувор ва ноустувор мавқеи муҳим доранд:

- дар фишурдаи диссертатсия (автореферат) ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва китобатӣ ба назар мерасанд (ниг. с.14, 19, 35, 41).

4. **Мухторов Зайниддин Мухторович -** доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати робитаҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, дар он ба баъзе камбудиву норасоиҳо ишора шудааст:

- дар муқаддима муҳаққиқ ба таҳқиқоти олимони гуногуни ватанӣ ва хориҷи кишвар ишора намуда, аз арзишҳои илмии он пажӯҳишҳо таъкид намояд ҳам, дар фаслу бобҳои диссертатсия ба манбаъҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ камтар таваҷҷуҳ кардааст;

- муҳаққиқ дар мавридҳои муайян ибрози ақида намуда, андешаҳои худро бо далелу мисолҳои ҷолиб аз асари мавриди таҳқиқ меорад, вале дар ҳолатҳои ҷудогона мисолҳо оварда нашудаанд ва гоҳо мисолҳои овардашуда нокифоя ба назар мерасанд:

- дар саҳифаҳои ҷудогонаи автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ (с. 5,9,13,16,19,22,34) ва техникӣ (с. 4,6,10,14,18,21,26,31) ба назар мерасанд.

5. **Ҷумахон Алимӣ -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии ДДК ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. Тақриз мусбат буда, зикр мешавад, ки дар баробари муваффақиятҳои зиёд дар автореферат баъзе камбудиҳо роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд:

- дар феҳристи адабиёт номгӯйи адабиёти назариявӣ, ки марбут ба таърихи афкори забоншиносӣ аст, кам оварда шудааст;

- муҳтавои фасли дуюми боби якум фаротар аз номи фасл аст;

- ҳангоми таҳлили асарҳои олимони дигар хронологияи онҳо ба эътибор гирифта нашудааст;

- дар кори мавриди назар ғалатҳову иштибоҳоти техникӣ роҳ ёфтааст (с. 22, 35, 44).

6. **Салимов Рустам Давлатович -** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони русии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон – Русия; **Табаров Хайрулло Назарович -** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон – Русия. Тақриз мусбат буда, дар он дар баробари муҳассаноти бисёр баъзе камбудиҳо ба қайд гирифта шудааст, ки ислоҳ намудани онҳо барои такмили ояндаи кор аз манфиат холӣ нест:

- муаллиф таҳлилу тасвири муносибатҳои наҳвии ибораҳои феълиро барзиёд нишон додааст, ки дар натиҷа ҳаҷми диссертатсия афзудааст;

- дар диссертатсия муқоисаи ибораҳои феълии осори давраи таҳқиқшаванда бо забони адабии ҳозираи тоҷик кам ба мушоҳида мерасад;

- ғалатҳои техникӣ аз қабили часпидани вожаҳо ва ё дур шудани калимаҳо дар саҳифаҳои фишурдаи диссертатсия ба мушоҳида мерасад.

7. **Баяндина С. Ж. -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Университети муносибатҳои

байналмилалӣ ва забоншиносии Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Абилай Хан. Тақриз мусбат буда, зикр мегардад, ки дар автореферат баъзе нуқсонҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи сариваќтии онҳоро ба манфиати кор медонем:

-в связи с тем, что исследование посвящено сопоставительному анализу истории грамматики таджикского языка, считаем, что в диссертации к анализу привлечено недостаточное количество материалов из таджикской современной художественной литературы. На наш взгляд, было бы более целесообразно использовать не только материалы классиков таджикской литературы, но и на базе анализа конструкций современных предложений сопоставить глагольные словосочетания классического периода с современными.

- в исследовании наблюдается ряд недочетов технического характера, таких как орфографические, грамматические и стилистические ошибки и т.д.

- перевод автореферата с таджикского языка на русский характеризуется недостаточным применением научной терминологии.

Муқарризони расмӣ дар баробари ошкор намудани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи таърихи забон, забоншиносии синхронӣ ва забоншиносии муқобалавӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи пешбар яке аз муассисаҳои бонуфузи илмии соҳаи филология дар ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти таҳқиқу таҳлили масоили умдаи забоншиносии синхронӣ ва забоншиносии муқоисавӣ хеле маъруф гардидааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки унвонҷӯ дар асоси маводи зарурӣ ва фаровон "Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)"-ро ба таври амиқу густурда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

**Аҳамияти назарии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқи наҳвии осори гаронбаҳои давраи классикӣ дар замони ҳозира аз масоили басо мубрами забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Бахусус забони осори насри бадеии классикӣ, ки дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик нақши бузург гузоштааст, баҳри рӯшанӣ андохтан ба хусусиятҳои зиёди равобити калимаҳо ва алоқаи муносибатҳои наҳвии онҳо аҳамияти махсус дорад. Таҳқиқи хусусияти грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ ва алоқаи байни ҷузъҳои он дар насри асрҳои XV-XVI баҳри кушодани вижагиҳои хоси забони ғании классикӣ, муайян намудани ғановати он ва муайян кардани мақоми сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди пажӯҳиш дар устуворӣ, такомул ва рушди забони адабии тоҷикӣ ёрӣ мерасонад. Нуктаҳои назариявие, ки аз хулосаҳои пажӯҳиш дар асоси он ҳосил шудаанд, метавонанд, дар таҳқиқи хусусиятҳои грамматикии асарҳои

мансури мансуб ба дигар давраҳои таърихи забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳамияти амалии натиҷаи пажӯҳиш** дар он зуҳур меёбад, ки натоиҷи диссертатсияро дар раванди таълими дарсҳои назариявию амалии таърихи забони адабии тоҷик ва грамматикаи таълимии ин забон, ҳамчунин зимни таҳияи китобҳои дарсии грамматикаи забони адабии тоҷикӣ ва дастуру воситаҳои таълимӣ метавон истифода намуд. Натиҷаи таҳқиқ дар амал барои таълими фанҳои тахассусии лингвистӣ чун луғатшиносӣ, наҳвшиносӣ, услубшиносӣ, маданияти нутқ, таҳлили матни бадеӣ, таълифи китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ, таълифи фарҳангҳои тафсирию фарҳанги осори адибони давраи мазкур мусоидат менамояд. Ҳамчунин, бахшҳои алоҳидаи диссертатсия ба ҳайси фанҳои тахассусии соҳаи забоншиносӣ, наҳвшиносӣ, матншиносӣ ва ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мавриди таълиму тадрис қарор бигиранд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Рисола асосан бар пояи усули забоншиносии синхронӣ – тасвирӣ таҳия шудааст. Мутобиқ ба ҳадафи таҳлили ҳамаҷонибаи забоншиносӣ ва ошкор намудани хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълии осори хаттии асрҳои XV-XVI дар диссертатсия аз методҳои маъмулу санҷидашудаи таҳқиқи забоншиносӣ, чун усулҳои муқоисавӣ, усули мушоҳидаю муқоиса, диахронӣ, шарҳу тафсир, усули муқоисавӣ-таҳлилӣ, семантикию услубӣ ва инчунин усулҳои таҳлилу таҷзияи умумии маводи таҳлилёбанда, таҳлили матнӣ ва шаклҳои ҳисоби басомади мисолҳо ба таври васеъ истифода гардидааст.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия**:

1. Дар забони сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI доираи маънои феъл нисбат ба ҳамаи ҳиссаҳои нутқ фарохтар, дараҷаи корбурд ва муассирии он бештар аст, зеро он ба сухан бештар фаъолӣ ва муассирӣ бахшида, оид ба ҳодисаву воқеаҳо таассуроти пурра пайдо мекунонад.

2. Таҳлили масъалаҳои назариявии ибора собит намуд, ки алоқаи байни унсурҳои забон то чӣ андоза мураккабанд, соҳаҳои мухталифи забоншиносӣ ба доираи масоили таҳқиқи якдигар даромада, масоили гуногуни забон дар сатҳҳои мухталиф печидаанд.

3. Таҳқиқи воситаҳои муносибати байни ҷузъҳои ибораҳои феълӣ (калимаи асосӣ ва тобеъ), махсусан, пешоянду пасояндҳо, ки ба сифати воситаи алоқа хидмат кардаанд, шаклҳои ифодаи ибораҳои феълӣ, дараҷаи истеъмолёбии ҳар як пешоянду пасоянд дар таркиби ибораи феълӣ, тафовути онҳо, қолибҳои синтаксисӣ ва хусусиёти услубии онҳо ва инчунин ҳолати суфташавӣ ва ё аз истеъмол баромадани ин навъи ибораҳо дар заминаи осори хаттии давраи таҳқиқшаванда аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир аст.

4. Дар ташаккули ибораҳои феълӣ ва ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ дар насри давраи таҳқиқшаванда пешояндҳои аслӣ ва номӣ фаровон истифода шудаанд. Ҳангоми таҳлили мавод муайян карда шуд, ки бо пешоянди муайян ба сифати ҷузъи асосӣ кадом гурӯҳи луғавии феълҳо ва ба сифати ҷузъи тобеъ кадом гурӯҳи луғавии исму дигар вожаҳо ҳамроҳ омада метавонанд ва ифодагари кадом муносибатҳои наҳвиянд, чунончи: *ба ҳокими Басра додан [329;53], дар*

*меҳмонхона даровардан [336;1131], аз тарс беҳӯш гардидан [338;29], бар бом баровардан [336; 847], аз пеши имом гузаштан [338;36], ба дари хона расидан [336;65], аз пайи сайде тохтан [336;752]* ва амсоли инҳо.

5. Дар алоқаи пасояндии ибораҳои феълии осори хаттии ин давра, асосан, пасоянди **-ро** ҳамчун воситаи муҳим дида мешавад. Таҳлили мавод нишон дод, ки пасоянди **–ро** дар насри ин давра дар доираи ибораҳои феълӣ вазифаҳои гуногуни наҳвиро ба уҳда дошта, асосан, муносибати пуркунандагӣ, бахусус, пуркунандаи бевоситаро дар ибора ифода намудааст.

6. Хусусияти дигари ибораҳои феълии осори хаттии давраи мавриди назар боз дар он аст, ки пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ муродифи ҳамдигар буда, чунин тарзи ифода ба забони адабии ҳозираи тоҷик бетаъсир нест ва муродифшавӣ дар байни пешояндҳои содаи **аз, ба, бо, дар, бар, барои** ва пасоянди **–ро** сурат гирифтааст.

7. Дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар зимни алоқа ва муносибатҳои наҳвии ҷузъҳои ибораҳои феълӣ пешояндҳои номӣ мақоми хос доранд. Теъдоди пешояндҳои аслӣ, ки аз давраи миёна мерос мондаанд, хеле каманд ва сарфи назар аз он ки онҳо дорои маънои аслӣ ва маҷозӣ мебошанд, дар ҳеҷ сурат талаби рӯзафзуни одамон ва пайдоиши муносибатҳои нави наҳвиро қонеъ карда наметавонистанд, ки ин ҳама омили муҳимми маъно ва сохтору вазифаҳои нав ба нав касб кардани ибораҳо гардидааст.

8. Дар илми забоншиносӣ собит шудааст, ки алоқаи ҳамроҳӣ чунин навъи алоқаи наҳвиест, ки дар он калимаҳо бе ягон нишондиҳандаҳои грамматикӣ ба феълҳо вобаста гардида, ибораҳои феълиро ташкил медиҳанд. Дар ташаккули ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ, пеш аз ҳама, маънои луғавӣ дар тартиби ҷойгирии ҷузъҳои ибора аҳамияти бузург дорад ва ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ сурат гирифтани зарфҳо чун ҷузъи тобеи ибораҳои феълӣ фаровон аст. Ба сифати ҷузъи тобеъ бо феъл омадани исмҳо ва дигар ҳиссаҳои нутқ маҳдудтар аст ва исмҳои гуногун бештар ба феълҳои гузаранда тобеъ шуда, ибораҳои феълии дорои алоқаи ҳамроҳиро ташкил медиҳанд ва муносибатҳои гуногуни грамматикиро ифода менамоянд.

9. Хусусияти муҳимми ибораҳои феълии насри ин давра дар он аст, ки алоқаи вожаҳо бо ду воситаи грамматикӣ: алоқаи вобастагӣ (пешояндӣ, пасояндӣ) ва алоқаи ҳамроҳӣ сурат мегирад ва дар забони муосири тоҷик низ он вижагиҳо бо хусусиятҳои ба худ хос идома меёбад.

10. Дар ташаккули ибораҳои феълӣ, махсусан, қолибҳои пешоянд+феъл+исм; пешоянд+феъл+феъл, пешоянд+феъл+ ҷонишин нисбат ба дигар қолибҳои феълӣ сермаҳсултару серистифодаанд.

**Саҳми фардии муҳаққиқ**. Саҳми фардии муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар забоншиносии тоҷик вижагиҳои дастуриву маъноӣ ва сохтории ибораҳои феълиро дар осори мансури асрҳои XV-XVI ба сурати амиқу густурда ва бонизом дар шакли монографӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додааст.

Дар ҷаласаи худ аз санаи 27 майи соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ қарор мекунад, ки кори диссертатсионии Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология

ба ҳимоя пешниҳод шудааст, кори илмии мустақил ва анҷомёфта буда, ба талаботи банди 10 – и Низомнома оид ба “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26.11.2016, таҳти № 505 тасдиқ кардааст, ҷавобгӯ мебошад ва унвонҷӯ сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ мебошад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ аз теъдоди умумии 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, ки аз ин теъдод 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 22. – Забонҳои мардумони кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) мебошанд ва 13 нафар ҳуқуқи овоздиҳӣ доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ : “тарафдор”- 12 нафар, “зид”- 1 нафар, “бюллетени беэътибор” – нест, “бюллетени тақсимнашуда” – 4 адад.

Шӯрои диссертатсионӣ суханронии Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи **“Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)”** аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ, тақризи муассисаи пешбар – **Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,** суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор **Офаридаев Назрӣ**, доктори илмҳои филологӣ, профессор **Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм**, доктори илмҳои филологӣ, профессор **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф** ва тақризҳо ба автореферати диссертатсия аз номи Пардаев Азамат Баҳронович – доктори илмҳои филологӣ, профессор, декани факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд; Ҷумъа Ҳамроҳ - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Самарқанд; А. Мамаҷонов, М. Ҳакимов - докторҳои илмҳои филологӣ, профессорони Донишгоҳи давлатии Фарғона; Э. Ибрагимова, М. Зокиров - номзадони илмҳои филологӣ, дотсентони Донишгоҳи давлатии Фарғона; Сайфиддин Назарзода - доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ, мудири шуъбаи истилоҳот ва фарҳангнигории Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ; Мухторов Зайниддин Мухторович - доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати робитаҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҷумахон Алимӣ - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб; Салимов Рустам Давлатович - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони русии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон – Русия; Табаров Хайрулло Назарович - номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи Славянии Тоҷикистон - Русия; Баяндина С. Ж. - доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Университети муносибатҳои байналмилалӣ ва забоншиносии Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Абилай Хан; муқарризони ғайрирасмӣ – Саидмуроди Хоҷазод – доктори илмҳои филологӣ, профессор; Султонов Мирзоҳасан – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ; Қосимов

Олимҷон - доктори илмҳои филологӣ, профессор; Ҳомидов Дилмурод – доктори илмҳои филологӣ ва Рустамова Гуландом – доктори илмҳои филологиро шунида, муҳокима карда, дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи **Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич**

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи “Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)” аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.
2. Корҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.
3. Ба Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои филологиро диҳад.

Муовини Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор — Нозимов А. А.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Мирзоалиева А. Ш.

**27 майи соли 2021**